Reçu CLT / CIH / ITH
Le 28 MARS 2014
N° 0227

0109700009

# МАКТУБИ РИЗОИЯТ

Мо як гурӯҳ занҳову духтарони чакандӯзи шаҳри Кӯлоб хеле шодем ва ифтихор дорем, ки ҳунари анъанавии чакандӯзии мо барои сабт шудан ба Рӯйхати репрезентативии фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО пешниҳод мегардад.

Мо омода ҳастем, ки дар масъалаи таҳияи ҳуҷҷатҳову пешниҳоди онҳо бо мутахассисон, намояндагони ТҒҲ ва муассисаҳои давлатии кишвар ҳамкорӣ намоем. Инчунин барои ҳифзи ин суннати аҷдодии худ кӯшишу тадбирҳоро ба харҷ медиҳем ва роҳҳои густариши онро меандешем.

Мо умедворем, ки санъати чакандӯзӣ дар арсаи байналмилалӣ хеле хуб муаррифӣ шуда, таваҷҷуҳи мардумони кишварҳои дигар низ ба он меафзояд.

1. Савронбӣ Ҳасанова
2. Нурбӣ Саъдуллоева
3. Дилором Мансурова
4. Салима Охунова
5. Озодамоҳ Одинаева
6. Сафаргул Назарова
7. Нозирамо Мирматова
8. Ҷамила Азизова
9. Моҳрухсор Зоҳидова
10. Зарафшони Абдусаттор
11. Ширинмои Гиёҳзода
12. Олуфта Ҳақназарова

# LETTER OF CONSENT

We, group chakan craftswomen of the Kulob city are proud that our traditional handcraft will be submitted for inscription to the Representative List of Intangible Cultural Heritage of UNESCO.

We are ready to collaborate in preparing nomination file and related documents with local ICH experts, NGO's, research institutions and governmental organizations. As well as we try to spend our efforts for safeguarding and developing of traditional handcraft of our ancestors.

We hope, the chakan embroidery art will be well-introduced in the international level and will more attract the attention of peoples of other countries.

1. Savronbi Hasanova
2. Nurbi Sa'dulloeva
3. Dilorom Mansurova
4. Salima Okhunova
5. Ozodamoh Odinaeva
6. Safargul Nazarova
7. Noziramoh Mirmatova
8. Jamila Azizova
9. Mohrukhsor Zohidova
10. Zarafshoni Abdusattor
11. Shirinmoi Giyozoda
12. Olufta Haqnazarova

# МАКТУБИ РИЗОИЯТ

Мо кормандони муассисаи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Чакан» аз пешниҳод шудани санъати чакандӯзи ба Рӯйхати мероси Фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО истиқбол менамоем. Санъати чакандӯзӣ яке аз ҳунарҳои маъруфи минтақаи Кӯлоб буда, барои аҳолии ин минтақа ва кулли Тоҷикистон ҳамчун нишонаи ҳувияти миллӣ ба шумор меравад.

Муассисаи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Чакан» тавассути ин нома розигии хешро ҷиҳати таҳияи ҳуҷҷатҳо ва пешниҳоди онҳо ба ЮНЕСКО баён карда, маълум менамояд, ки мо барои ҳамкорӣ омода ҳастем. Мо кӯшиш менамоем, ки дар рушди санъати чакандӯзӣ дар кишвар саҳми назаррас гузорем.

Раиси корхонаи ҶДММ «Чакан» З. Валиев

Кормандони корхонаи ҶДММ «Чакан»:

1. Валиева Басбӣ
2. Хоркашев Ёрмаҳмад
3. Назарова Зуҳро
4. Гиёева Мехри
5. Шарипова Сочида
6. Олимова Нуринисо

# LETTER OF CONSENT

We, employees of the public limited organization "Chakan" welcome the submission nomination of chakan embroidery art for inscription to the Representative List of Intangible Cultural Heritage of UNESCO. Chakan embroidery is one of the wide-spread handcrafts in the Kulob city and its surrounding districts and is considered as an element of national identity.

The public limited organization "Chakan" through this letter of consent expresses its willingness for the preparation and sending nomination file and related documents to UNESCO. We try put more our contribution for development of the chakan embroidery art in the territory of country.

Z. Valiev, the Head of the PLO "Chakan"

Employees of the PLO "Chakan":

1. Valieva Basbi
2. Khorkashev Yormahmad
3. Nazarova Zuhro
4. Giyoeva Mehri
5. Sharipova Sojida
6. Olimova Nuriniso

**Мактуби ризоият**

Кормандони Осорхонаи ҳунармандони шаҳри Кӯлоб таҳия ва пешниҳоди номинатсияи «Санъати чакандӯзии Кӯлоб»-ро ба Рӯйхати репрезентативии фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО дастгирӣ менамоянд. Барои сабт гардидани ин ҳунари чакандӯзӣ мо ҳаматарафа омодаем, ки бо гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи номинатсия ҳамкорӣ намоем. Мо кӯшиш менамоем, ки барои рушду такомули санъати чакандӯзӣ, интиқоли донишу малакаҳои чакандӯзӣ ба насли нав, сохтани филмҳо ва барномаҳои телевизионӣ, таҳияи китобу албомҳо дар бораи чакандӯзӣ мусоидат намоем.

Мо бовар дорем, ки фаъолияти ба ҳифзи санъати чакандӯзӣ равоншуда дар минтақаи Кӯлоб аҳамияти маҳсулоти чакандӯзиро дар миқёси ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ боз ҳам болотар бардошта, ба ҳифз ва интиқоли он ба наслҳои оянда кӯмак мерасонад.

Бо эҳтиром,

Ҷонибек Асозода, Арбоби ҳунари Тоҷикистон, узви Иттифоқи рассомони кишварҳои муштаракулманофеъ,

Директори Осорхонаи ҳунармандони шаҳри Кӯлоб

Кормандони осорхона: Ҳабибуллоева Т. Асоев Ф.

## LETTER OF CONSENT

The personnel of the Museum of the Craftsmanship of the Kulob city are support the preparation and submit of the chakan embroidery nomination for inscription in Representative List of Intangible Cultural Heritage of UNESCO. For inscription of this element we are ready to collaborate with working group on preparation of the nomination. We try to put our contribution for safeguarding and transmission of traditional knowledge and skills and development of the chakan art in our region. We plan to collaborate on compilation illustrated albums, collection of articles, documental films and etc.

We believe, measures for safeguarding of chakan embroidery art in Kulob area will promote the significance of the element in the national and international levels, and help to handover that to next generations.

With best regards,

Jonibek Asozoda, Director of the Museum of the Craftsmanship of the Kulob city, Honored Artist of Tajikistan, a member of the Union of Artists of the NIS countries.

Museum employees:

Habibulloeva M.

Asoev F.

Reçu CLT / CIH / ITH
Le 28 MARS 2014
N° 0227

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб»**

735360, ш. Кӯлоб, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 10. Тел: 2 - 26 - 99, 2 - 26 - 98, 2 - 49 – 75, Факс: 8332222699
Email- osorchona – 2700@mail.ru

«3» 03 2014 сол №13

## Мактуби ризоият

Маъмурияти Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» итминон аз он доранд, ки ҳунари чакандӯзӣ, ҳамчун намунаи қадимаи фарҳанги ғайримоддӣ барои ба Рӯйхати репрезентативии фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО дохил намудан арзанда мебошад. Ба маълумоти шумо мерасонем, ки санъати чакандӯзи дар шаҳри Кӯлоб ва навоҳии дигари вилояти Хатлон аз қадим вуҷуд дорад ва дар осорхонаи мо низ як гӯшаи махсус барои муаррифии ҳамаҷонибаи ин навъи санъати мардумӣ бахшида шудааст.

Осорхонаи мо барои сабт намудани чакан ба Рӯйхати репрезентативии фарҳанги ғайримоддӣ розигии худро медиҳад. Мо боварии комил дорем, ки баъди муаррифӣ гардидани ин навъи санъати қадимаи миллии тоҷикӣ ба рӯйхати мазкур таваҷҷуҳи дигар халқу миллатҳо низ ба он зиёд мегардад.

Ҳотам Асозода,

Директори генералии Муассисаи давлатии
«Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб»

Кормандони осорхона:

Назирова Назокат
Эргашова Файзигул

## LETTER OF CONSENT

Administration of the Republican Museum of Kulob is considered chakan embroidered art as a unique traditional handcraft of the Tajik people and that is suitable for submission for inscription to the Representative List of Intangible Cultural Heritage of UNESCO. We should note that in the Republican Museum of Kulob is single hall specialized for chakan embroidery products.

Our museum through this letter of consent expresses its willingness for the preparation and sending nomination file and related documents to UNESCO. We hope, the chakan embroidery art will be well-introduced in the international level and will more attract the attention of peoples of other countries.

Dr. Hotam Asozoda,

General Director of the Republican Museum of Kulob

Employees of the museum:

1. Nazirova Nazokat
2. Ergasheva Fayzigul